Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

29 июли соли 2023 Шанбе

№ 60 (14967)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# МАҚСАДИ МО ФАРАҲНОК НАМУДАНИ ҲАЁТИ ОДАМОН БА ВОСИТАИ ТАЪМИНИ АДОЛАТ ВА ВОЛОИЯТИ ҚОНУН

**Дар шаҳри Фарғона зери раисии Президент Шавкат Мирзиёев 28 июл ҷамъомади видеоселекторӣ бинобар вазифаҳои бартаринок дар соҳаи профилактикаи поймолсозии ҳуқуқ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар минтақаҳо баргузор гардид.**



– Аз рӯзҳои аввали ислоҳотамон мо шараф ва обрӯйи инсонро чун арзиши олии ҷамъиятамон муайян намудаем. Дар Конститутсияи таҷдидёфтаи мамлакат ҷойгузин намудаем, ки Ўзбекистон давлати ҳуқуқбунёд ба шумор меравад. Мақсади ягонаамон ҳаёти мардумро аз тариқи таъмини адолат ва волоияти қонун фараҳнок намудан аст, – гуфт роҳбари давлат.

Барои ин ба ташкилотҳои ваколатдор тамоми шароит фароҳам оварда мешавад. Дар ду соли охир 10 қонун, қариб 40 фармон ва қарори Президент, бештар аз 60 қарори ҳукумат дар иртибот бо фаъолияти мақомоти ҳуқуқу тартибот қабул гаштаанд. Музди меҳнати ходимони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, хусусан мақомоти корҳои дохилӣ ба таври назаррас баланд бардошта шуд, барои онҳо имтиёзоти зиёд пешниҳод гаштааст. Барои «панҷгонаи маҳалла» беш аз 30 ҳазор штати нав ҷорӣ карда шуд, то ки таъмин намудани ҳаёти осудаи аҳолӣ маҳз аз маҳалла бояд шурӯъ гардад.

Аммо дар шаш моҳи охир дар маҳаллаҳо қариб 12 ҳазор ҷиноят содир гаштааст, ки имкон дошт онҳо бартараф карда шаванд. Аз 9,5 ҳазор маҳалла дар 1,5 ҳазорашон вазъияти нигаронкунандаи ҷиноятӣ мушоҳида мегардад.

Бинобар ин барои суст ташкил намудани фаъолияти ҷилавгирии ҷиноят ва кор бо аҳолӣ ба муовини аввали Прокурори генералӣ, муовини аввали вазири корҳои дохилӣ, инчунин муовини вазири корҳои дохилӣ, масъулони таъмини бехатарии ҷамъиятӣ танбеҳ дода шуд.

Роҳбарони шуъбаҳои корҳои дохилии ноҳияҳои Сергелӣ, Янгиҳаёт, Шайхонтаҳур, Ғиҷдувон, Когон, Тупроққалъа, Тахтакӯпир, Томдӣ, Яккабоғ, Олтинсой, Зафаробод, Боёвут, Гулистон, Мингбулоқсой, Олтинкӯл, прокуророни ноҳияҳои Андиҷон, Бандихон, Бувайда, Нарпай, Юнусобод аз вазифаҳои худ озод карда шуданд.

Тавре ки маълум аст, дар маҳаллаи Алтин Жагиси шаҳри Нукус низоми нави кор бо шахсоне, ки ба ҷиноят моилӣ доранд, ҷорӣ карда шудааст. Дар доираи ин низом шахсони тоифаи мазкур ба «панҷгонаи маҳалла» бинобар принсипи «профилактикаи иҷтимоӣ» вобаста карда шудаанд. Аммо татбиқи ин низом дар саросари мамлакат суст идома дорад.

Таъкид шуд, ки тартиби нави огоҳии ҷиноят дар маҳалла татбиқ хоҳад гардид. Таҳияи вазифа ва усулҳо барои тамоми фаъолони маҳалла бинобар «профилактикаи иҷтимоӣ» супурда шуд.

Вазифаи ба кор андохтани низоми информатсионии «Вазъияти иҷтимоӣ» бинобар мушкилоти иҷтимоӣ ва ҷиноӣ дар қисмати вилоят, ноҳия ва маҳалла ва ҳамчунин рақами ёрии таъҷилии «112» бо хидмати низомандоз гузошта шуд. Таъкид гардид, ки мутаассифона, сеяки ҷиноятсодирнамуда аз ҷумлаи ҷавонон мебошад. Бинобар ин барои кор бо ҷавонони номуташаккил дар асоси барҳӯрди ягона Шӯрои байнидоравӣ зери роҳбарии раиси ХБД таъсис хоҳад гардид. Шӯро барномаҳои мақсадноки кор бо ҷавононро ба амал татбиқ менамояд.

Дар ҷамъомад масъалаҳои ҷиноят дар заминаи маишӣ ва ҷинояти занон ба миён гузошта шуд. Таъкид шуд, ки кор бо оилаҳое, ки мушкилоти иҷтимоиву маишӣ доранд, вазифаи аввалиндараҷаи мақомоти давлатӣ бояд гардад. Бо ин мақсад Агентии миллии ҳимояи иҷтимоӣ ташкил шуда буд. Акнун барои кумак ба оилаҳое, ки ба вазъияти мушкили ҳаётӣ дучор гаштаанд, «парвандаи иҷтимоӣ» кушода мешавад. Системаи алоҳидаи кор бинобар принсипи «Оилаи бехатар» ташкил хоҳад гардид.

Вазифаи таҳияи усулҳои нави таъмини бехатарии ҷамъиятӣ, баланд бардоштани дараҷаи дониш ва ҷаҳонбинии ходимони мақомоти ҳуқуқу тартибот гузошта шуд.

Таъкид шуд, ки одамон аз вазъият вобаста бо бехатарии ҳаракати роҳ тамоман норозӣ ҳастанд.

Барои мисол, дар ним соли охир қариб 4 ҳазор садамаи автомобилӣ рух дода, 873 нафар ҳалок гардида, беш аз 3,5 ҳазор нафар зарар дидааст.

48 фоизи садама бо иллати инфрасохтори роҳ рӯй додааст. Бинобар вуҷуд надоштани шароити ногузир барои пиёдагардон имсол 1859 ҳодиса бо иштироки онҳо рух дода, 334 нафар ҳалок гаштааст.

Роҳбари давлат ташаббусро оиди ба тартиб андохтани соҳаи бехатарии роҳ пешниҳод намуд. Бинобар принсипи «Бехатарии ҳаракати роҳ – зери назорати ҷамъият» соле на камтар аз ду маротиба фикри аҳолӣ пурсида мешавад. Кумитаи роҳи автомобил ва роҳбарони масъули бехатарии ҳаракати роҳ дар ҳар ним сол дар назди парлумон ва ҷамъият ҳисобот хоҳанд дод.

Ба нақша гирифта шудааст, ки аз мафҳуми дислокатсия даст кашида шуда, барои ҳамаи ходимони хидмати роҳу патрул минтақаи масъулият бо фарогирии маҳаллаҳо муайян карда мешавад.

Дар ҷамъомад ба фаъолияти баъзе роҳбароне, ки ба номи ходими мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот доғ меоранд, даҳолат карда шуд. Супурда шуд, ки ба амали онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода шавад.

Роҳбарони мақомоти ҳуқуқу тартибот ва ҳокимони вилоятҳо доир ба масъалаҳои баррасигардида маълумот доданд.

Соли гузашта Президент Шавкат Мирзиёев бо сохтмони мавзеи Ўзбекистони Нав дар шаҳри Фарғона шинос гардида буд. Дар ҷараёни сафари кунунӣ ба вилоят роҳбари давлат бори дигар бо ҷараёни кори он шинос гардид.

Ҳоло сохтмон бо суръат дар ҳудуди калони майдонаш 300 гектар идома дорад. Дар ин ҷо сохтмони 298 иморати бисёрҳуҷра, ки барои беш аз 65 ҳазор иқоматкунандагон муқаррар гаштааст, ба нақша гирифта шудааст. Ин барои шаҳри аҳолиаш зичи Фарғона ва тамоми вилоят аҳамияти муҳими иҷтимоӣ дорад.

Имсол 73 иморат бунёд мегардад. Аввалин иморатҳо аллакай ба баҳрабардорӣ супурда шудаанд. Дар ҳудуди мавзеъ инчунин мактаб, муассисаи таълими томактабӣ ва тиббӣ, бунгоҳҳои савдо ва хидмати маишӣ, маҷмӯи варзишӣ ҷойгир хоҳанд шуд. Минтақаи хурди саноатӣ дар майдони 50 гектар дар таъмини аҳолии маҳаллӣ бо кор нақши муҳим дорад.

Мавзеъ шаҳраки ба худ хоси экологӣ гардид, ки дар ҳудуди 70 гектар бунёд намудани боғи Ўзбекистони Нав ва кӯли сунъӣ ба нақша гирифта шудааст. Қитъаҳои холӣ сарсабз карда мешавад. Дар атрофи обанбор хиёбон ба вуҷуд меояд.

Роҳбари давлат зимни шиносоӣ доир ба ҷалби сармоягузорон ба лоиҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҳудуди мавзеъ, ташкили намудҳои гуногуни хидматрасонӣ супоришҳо дод.

Бо ҳамин сафари Президент ба вилояти Фарғона ба анҷом расид.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

# ТАБРИКИ ИДОНА БА ХАЛҚИ ЎЗБЕКИСТОН

*Ҳамватанони азиз!*

*Самимона аз таҳти дил шумо, тамоми халқи Ўзбекистонро бо Рӯзи дӯстии халқҳо, ки 30 июл ҷашн мегардад, табрик менамоям ва ба ҳамаатон эҳтироми амиқ ва беҳтарин таманноҳои худро иброз медорам.*

***Халқи бисёрмиллатамон – ин боигарии калони мост, мусолиҳаи байнимиллӣ ва байнидинӣ дар мамлакат – пойгоҳи мустаҳками тамоми дастовард ва муваффақиятҳои мо.***

*Ҳоло дар сарзамини қадимӣ ва нотакрори Ўзбекистон, ки аз қадим бо дӯстпарварӣ, бародарӣ ва таҳаммулпазирӣ шуҳрат дошта, дар фазои сулҳу мусолиҳа намояндагони беш аз 130 миллату халқият зиндагӣ карда, ба рушди мамлакат саҳми муносиб мегузоранд, дар он беш аз 16 ташкилоти динӣ, 38 ҷамъияти дӯстӣ ва 153 маркази миллии маданӣ озод фаъолият доранд.*

*Ҷараёнҳои таълимиву тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии давлатӣ ба ҳафт забон амал менамоянд, баҷаҳо бо китобҳои дарсӣ ва бадеӣ аз ҳисоби давлат таъмин мегарданд.*

*Хонаҳои дӯстӣ дар тамоми минтақаҳо дар мустаҳкам намудани дӯстӣ ва мусолиҳаи байни шаҳрвандони миллатҳои гуногун ҷойгоҳи муҳим дорад.*

*Кори доманфарох дар мамлакат бобати пурзӯр намудани алоқа бо ҳамватанони хориҷӣ, инчунин барои баланд бароштани нуфузи Ўзбекистон чун мамлакати дӯстӣ ва инсонпарварӣ хидмат менамояд.*

*Имрӯз, дар ин рӯзи аҷиб, ҳамаи мо, албатта, хуб медонем, ки чорабиниҳои маданиву маърифатӣ ва илмиву амалӣ, ки дар доираи ҷашнвораи «Дӯсти халқҳо» баргузор мегарданд, барои боз ҳам васеъ таҳким ёфтани принсипи фавқулода муҳим, ки қоидаи ҳаётамон гаштааст – **«Ўзбекистон – хонаи умуми мо»** чӣ гуна аҳамияти калонро молик аст.*

*Бинобар анъанаи нек имсол низ ҳамватанонамон, намояндагони миллат ва халқиятҳои мухталиф барои хидматҳои махсусашон дар кори мустаҳкам намудани дӯстӣ ва ҳамбастагии байнимиллӣ, ҳифзи фазои сулҳу некие, ки дар ҷамъиятамон ҳукмрон аст, рушди фаъолияти марказҳои милливу маданӣ бо орден ва медалҳо мукофотонида шуданд. Аз имконият истифода намуда, аз таҳти дил ҳамаи онҳоро табрик менамоям.*

*Дӯстони азиз!*

*Мо сиёсатро оид ба мустаҳкам намудани сулҳу салоҳ байни миллатҳо ва динҳо, таъмини озодии виҷдони ҳар як шаҳрванди Ўзбекистон сарфи назар аз миллат, забон, дин ва тааллуқоти иҷтимоӣ муттасил идома медиҳем.*

*Ба рушди институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ дар асоси низом ва меъёрҳое, ки дар Қонуни асосӣ таҳким ёфтааст, бо роҳи баланд бардоштани мақоми ташкилотҳои ғайридавлатӣ, мустаҳкам намудани кафолати ҳуқуқи онҳо эътибори алоҳида хоҳем дод.*

*Бояд таъкид кард, ки дар шашуним соли охир дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ўзбекистон бисёр тағйироти мусбӣ ба вуқӯъ пайваст. Онҳо воқеан дуруст боиси эътирофи намояндагони ҷомеаи ҷаҳон, коршиносони байналхалқӣ, арбобони сиёсии мамлакатҳои гуногун мегарданд.*

*Барқарор намудани муносибати дӯстона бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя дар минтақаи Осиёи Марказӣ, идома додани анъанаҳои бародарии қадимӣ дар дараҷаи нав аз таҷассуми ормонҳо ва умедҳои неки халқҳоямон ба ҳаёт гувоҳӣ медиҳанд.*

*Ҳамватанони азиз!*

*Бовар дорам, ки ин ҷашни аҷоиб барои ғанӣ сохтани шарафи ҷаҳонии Ўзбекистони азизи мо – мамлакати дӯстӣ ва меҳрубонӣ хидмат менамояд.*

*Бори дигар самимона шумо, тамоми халқамонро бо Рӯзи дӯстии халқҳо табрик менамоям.*

*Ба ҳамаатон тансиҳатии комил, бахт, муваффақият, барои оилаҳоятон оромӣ ва фараҳмандӣ таманно дорам.*

*Бигзор, дар замини муқаддаси Ўзбекистон ҳамеша сулҳ ва субот ҳукмрон бошад!*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.***

*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон*

# ДАР БОРАИ ТАЙЁРИИ БАРГУЗОР НАМУДАНИ ҶАШНИ 32-ЮМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН

Дар ин рӯзҳо халқи бисёрмиллатамон бо шавқмандӣ ва кушиши зиёд фаъолона ба ҷашни руйдоди фаромӯшнопазири таърихӣ, ки дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ ва маънавии мамлакат марҳалаи навро кушод – 32-юмин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон тайёрӣ мебинанд.

31 августи соли 1991 халқамон ҳуқуқи худмуайянкунии тақдири худ, сарнавишти Ватан ва ояндаро соҳиб гардид. Дар харитаи ҷаҳон давлати нави мустақил – Ҷумҳурии Ўзбекистон пайдо гардид.

Дар давраи кӯтоҳи таърихии гузашта ба туфайли меҳнати шуҷоатнок ва иродаи қатъии халқ тараққиёти нав молики худшиносии миллӣ гардид, эҳёи таърихи қадима ва маданияти ғанӣ, арзиш ва анъанаҳои қадимаамон барқарор гардида, ҳаёти давлат ва ҷамъият куллан тағйир ёфта, мамлакат дар арсаи ҷаҳон ҷойгоҳи муносиби худро ишғол намуд.

Ҳоло мо ҷамъият ва давлати нав барпо менамоем, ки дар он ҳар як шаҳрванд сарфи назар аз миллат, забон ва эътиқод озодона ва фараҳмандона зиндагӣ мекунад ва бо ин мақсадҳо ислоҳоти доманфарохро дар тамоми соҳаҳо ва ҷанбаҳо дар роҳи тараққиёти миллӣ муттасил идома медиҳем. Руйдодҳои муҳиме, ки дар ҳаёти сиёсии мамлакат ба қарибӣ ба вуқӯъ пайвастанд, аз он ҷумла қабули Конститутсияи таҷдидёфта, бори дигар аёнан собит намуд, ки халқамон ислоҳоти ҷориро комилан дастгирӣ менамояд, ки ба сохтмони Ўзбекистони Нав, ташаккули пойгоҳи Эҳёи сеюм нигаронда шудааст.

Натиҷаҳои бадастовардаамон сарфи назар аз вазъияти мураккаби сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҷаҳон, хусусан дар рушди босуръати соҳаҳои иқтисодиёт ва вогузоштани имконоти васеъ барои соҳибкорӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави кор, коҳиши қашшоқӣ, афзоиши дараҷаи ҳаёти аҳолӣ, сифати хидмати тиббӣ ва таълим бинобар стандартҳои ҷаҳонӣ, ободонии шаҳру деҳот, боло бурдани нақш ва нуфузи мамлакатамон дар арсаи ҷаҳонӣ зуҳур меёбад. Аз ҳама муҳимаш, ҳар як ҳамватанамон ҳамаи ин бозсозиро дар мисоли ҳаёти худ эҳсос менамояд.

Бо мақсади муносиб пешвоз ва ҷашн гирифтани 32-юмин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар дараҷаи баланд, ки асоси тамоми дастовардҳоямон, манбаи неру ва қувва, ифтихор ва илҳомамон дар муттасил идома додан ва афзудани ислоҳоти оғозгардида ба шумор меравад:

1. Ҳайати Комиссияи ҷумҳурӣ оид ба тайёрӣ ва баргузор намудани ҷашни 32-юмин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон (минбаъд – Комиссияи ҷумҳурӣ) бинобар иловаи №1;

Барномаи чорабиниҳои ташкиливу амалӣ ва маънавиву маърифатӣ, ки дар худ ғояи неки **«Ба хотири ҳаёти нав, ба хотири Ўзбекистони Нав!»**-ро (минбаъд – Барнома) таҷассум менамояд, бинобар иловаи №2 тасдиқ карда шавад.

2. Ба Комиссияи ҷумҳурӣ (А.Арипов):

татбиқи чорабиниҳо босамар таъмин карда шавад, ки бинобар Барнома пешбинӣ мегардад ва ҳамчунин васеъ ҷашн намудани 32-юмин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон (минбаъд – Ҷашни истиқлолият) дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, марказҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд, тамоми шаҳрҳо ва ноҳияҳо, деҳот ва авулҳои мамлакат;

**гурӯҳҳои равшаннамоӣ аз ҷумлаи арбобони маъруфи илм, маданият ва санъат, варзишгарон** бо мақсади босамар баргузор намудани вохӯриҳои «се насл» дар байни ҷамъияти васеъ дар тамоми минтақаҳо, конфронсҳо, шабнишиниҳои адабиву бадеӣ, рӯзҳои кинои миллӣ, ҷашнвораҳои гастрономӣ, сайрҳои халқӣ, чорабиниҳои маданӣ ва варзишие, ки ба Ҷашни истиқлолият бахшида мешаванд, **ташкил карда шаванд**;

дар ҷамъомадҳои худ ҳисоботи роҳбарони ҳар як минтақа, вазорат ва идораҳо дар бораи ҷараёни иҷрои чорабиниҳои муқарраргардида мунтазам шунида шавад.

3. Ба омодагии барномаҳои ҷашнӣ дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд гурӯҳҳои эҷодӣ аз ҷумлаи соҳибони истеъдоди баланди касбӣ ва таҷрибаи марбути сенариянависон ва коргардонҳо, нависанда ва шоирон, оҳангсозон ва балетмейстерон, ороишгарони саҳна, иҷрогарони соҳибистеъдоди ҷавон, намояндагони санъати мақом ва бахшӣ васеъ ҷалб карда шаванд.

4. Бо мақсади дар маҳалҳо баргузор намудани Ҷашни истиқлолият дар рӯҳи имрӯз ба масъалаҳои зерин эътибори алоҳида нигаронда шавад:

дар маҳаллаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва ҷамоаҳои меҳнатӣ вохӯрӣ ва суҳбатҳои маънавиву маърифатӣ дар бораи ислоҳоти куллие, ки мутобиқан бо Конститутсияи таҷдидёфта ва дар доираи самтҳои бартариноки Стратегияи «Ўзбекистон – 2030» татбиқ мегарданд, ташкил карда шаванд;

васеъ равшан намудан, дар асоси мисолҳои дақиқ, ки солҳои охир дар ҷумҳурӣ ислоҳоти доманфарох оид ба рушди тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва натиҷаҳои он баргузор мегарданд;

ҳамаҷониба нишон додани аҳамияти принсипи ҳаётан муҳими **«Ҳар рӯз – ин имконот, ҳар рӯз – ин пойгоҳи оянда»**;

барномаҳои иҷтимоии татбиқгарданда оид ба рушди тандурустӣ, илм, маданият ва санъат, варзиш, ғамхорӣ ва эътибори ҳамешагӣ ба насли калонсол, занон ва ҷавонон, мустаҳкам намудани ҳифзи оила, модар ва кӯдак;

то ба ҷомеаи васеъ расондани моҳият ва муҳтавои корҳои ҷорӣ оид ба минбаъд мустаҳкам намудани дӯстӣ ва мусолиҳаи байни вакилони миллат ва динҳои гуногун, таъмини сулҳ ва суботи ҳаёт дар мамлакат;

тавзеҳ додани корҳои ҷорӣ бо мақсади татбиқи принсипи **«Халқ ва армия ягона»**, баланд бардоштани потенсиали ҳарбӣ ва маънавиву психологии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки замонати эътимодноки истиқлолият, бехатарӣ ва якпорчагии Ватанамон ба шумор мераванд;

ба муносибати Ҷашни истиқлолият баргузор намудани чорабиниҳои хайрия, ки ба кумаки манзилӣ ва дастгирии моддии иштирокдорони Ҷанги дуюми ҷаҳон, собиқадорони фронти меҳнатӣ, солхӯрдагон, шаҳрвандоне, ки ба «Руйхати ягонаи ҳимояи иҷтимоӣ», дафтарҳои «оҳанин», «занон», «ҷавонон», «дафтари шафқат» дохил гаштаанд ва эҳтиёҷманди ғамхорӣ ва кумак ҳастанд, нигаронда шудаанд.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# МАШВАРАТҲО БИНОБАР ОМОДАГӢ БА ҒУНУЧИНИ ПАХТА

**_Имсол бар асари нисбатан гарм омадани обу ҳаво кишти пунбадона барвақт оғоз ёфт. Охирин корҳои агротехникӣ низ ҳоло анҷом ёфта, пахтакорони воҳаи Сурхон ба ғунучини пахта тайёрӣ мебинанд. Қабл аз оғози мавсим баҳри аз назар гузаронидани корҳои омодагӣ дар ҳама ноҳияҳои вилоят бо навбат машваратҳо баргузор мешаванд._**

Чунин ҷамъомадҳо дар ноҳияҳои Шеробод, Ангор, Ҷарқӯрғон, Қумқӯрғон ва Бандихон шуда гузаштанд. Дар онҳо ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов, ҳокимони ноҳияҳо, роҳбарони кластерҳо, мутасаддиёни хоҷагии қишлоқи вилоят, роҳбарони секторҳо, роҳбарони отрядҳои пахтачин ширкат варзида, корҳои омодагӣ аз таҳлил, камбудиҳо муҳокима ва барои бартараф кардани онҳо ба мутасаддиён супоришҳо дода шуданд.

Соли ҷорӣ дар ноҳияи Шеробод ба 9250 гектар майдон пахта кишт карда шуд ва барои нобуд накарда ҷамъоварӣ кардани ҳосил 195-то отряд ташкил гардидааст, ки дар он зиёда аз 20 ҳазор пахтачин ҷалб карда мешавад. Инчунин, ба хирмангоҳҳои пахтақабулкунӣ барои кашондан 112 адад воситаи нақлиёт, 217-то трактор ба мавсим омода карда шудааст. Дар ноҳияи Ангор бошад, имсол якто кластер ва 32 хоҷагии фермерӣ ба 4734 гектар майдон пунбадона кишт намуда, онро хуб парвариш карданд. Барои саривақт ва босифат ҷамъоварӣ намудани ҳосил 105 отряд ташкил гардида, зиёда аз 11 ҳазор нафар пахтачин ҷалб карда мешавад. Барои отрядҳои пахтачинро ба саҳро саривақт расондан 20-то техника хидмат мекунад, 55 техникаи махсус, 136 трактор пахтаро ба хирмангоҳҳо мекашонанд.

Дар ноҳияи Қумқӯрғон соли ҷорӣ нисбатан зиёд пахта кишт карда шуд. Деҳқонони минтақа ба 16035 гектар замин пунбадона кишт намуда, ҳосили дилхоҳ рӯёнданд. Ҳоло 180-то отряд ба ҷамъоварии ҳосил омодааст. 15 техникаи махсус ва 223 трактор низ ба хидматрасонӣ тайёр. Дар саҳро ба чинакчиён низ шароит ҳаст. Семинаре, ки дар хирмангоҳи пахтақабулкунии ҶММ «Тирмиз-Ҷайҳун кластер»-и ноҳияи Ҷарқӯрғон гузашт, низ собит сохт, ки ҳолат ва омодагӣ дар мавсим хуб аст. Дар ноҳияи мазкур имсол ба 7140 гектар майдон пахтапарварон пунбадона кишт намуданд. Дар ноҳияи Бандихон бошад, ба 3692 гектар замин пахта кишт карда шуд ва айни ҳол барои ғунучини ҳосил 79 отряд ташкил гардида, 44 техникаи махсус ва 184 трактор ба хидматрасонӣ омода мебошанд.

Улуғбек Қосимов шароити хирмангоҳҳо, ба мавсим омодагии техника, ҳолати фавқулода ва бехатарии сӯхтор, шароити чинакчиёнро шахсан аз назар гузаронида, барои таъмини бехатарии сӯхтор машғулоту таҷрибаи мутасаддиёни зидди сӯхтор низ маслиҳатҳои зарурӣ дод.

Баъд аз машварат дар ноҳияи Бандихон роҳбари вилоят бо лоиҳаи бузургҳаҷме, ки аз тарафи ҶММ «Бандихон агрокластер» амалӣ мешавад, шинос шуд. Тавассути лоиҳаи мазкур, ки қиммати умумиаш 189 млрд. сӯмро ташкил медиҳаду аз маҳсулоти пахта ва нахи сунъӣ калоба истеҳсол мекунад, корхонаи дӯзандагӣ низ бунёд мешавад. Ин корхона соле 4 ҳазор тонна калоба истеҳсол мекунад ва 600 нафар бо ҷойи кор таъмин мегарданд. Айни ҳол дар ҳудуди 4 маҳалла сафи бекорон ва шаҳрвандон аз «дафтарҳо» ба рӯйхат гирифта шудааст. Дар назар аст, ки дар як сол корхонаи мазкур зиёда аз 5 млн. доллар маҳсулот содар менамояд.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Сурхондарё.**

*Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон*

# ДАР БОРАИ ТАЙЁРИИ БАРГУЗОР НАМУДАНИ ҶАШНИ 32-ЮМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.1).

5. Ба Вазорати маданият (О.Назарбеков):

якҷоя бо Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ ва Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон **дар муддати як ҳафта** барнома ва сенарияи консерти намоишии театрикунонидашударо, ки дар шаҳри Тошканд баргузор мегардад ва ба Ҷашни истиқлолият бахшида шудааст, таҳия намояд ва инчунин бобати тайёрии намоиши мазкур дар дараҷаи баланди ғоявӣ ва бадеӣ чорабиниҳо андешад;

якҷоя бо Академияи бадеии Ӯзбекистон, Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ва Иттифоқи журналистони Ӯзбекистон дар дараҷаи баланд баргузор намудани чунин азназаргузаронӣ-озмунҳои анъанавии **«Образи Ватан – аз нигоҳи рассомон», «Зиндагӣ ба хотири Ватан!», «Аз ҳама бузург, аз ҳама азиз»**-ро таъмин намоянд;

якҷоя бо Академияи бадеии Ӯзбекистон, Иттифоқи оҳангсозон ва бастакорони Ӯзбекистон баргузор намудани марҳалаи ниҳоии озмун барои суруд ва асари мусиқии беҳтарине, ки истиқлолияти мамлакатро тараннум менамояд, баргузор намоянд;

номҳои ғолибон ва ҷоизадорони озмунҳои мазкурро эълон намояд ва мукофотонии онҳоро дар вазъияти тантанавӣ дар арафаи Ҷашни истиқлолият баргузор намояд.

6. Муқаррар карда шавад, ки чорабиниҳои ҷашнии баргузоршаванда аз ин ҳисоб таъмини молиявӣ мегарданд:

дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ва вилоятҳо – аз ҳисоби манбаъҳои иловагии буҷаҳои марбути маҳаллӣ, инчунин маблағи хайрияи шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ;

дар шаҳри Тошканд – аз ҳисоби маблағи буҷаи ҷумҳурӣ ва буҷаи маҳаллии шаҳри Тошканд ба ҳисоби баробар бинобар сметаи хароҷоте, ки Комиссияи ҷумҳурӣ тасдиқ намудааст.

7. Ба Ширкати миллии телерадиои Ӯзбекистон, Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон, Агентии иттилоотии «Дунё» ва дигар воситаҳои ахбори оммавӣ васеъ равшан намудани кори тайёрӣ ва баргузор намудани Ҷашни истиқлолият тавсия гардад.

8. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов ва мушовири Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон О. К. Абдураҳмонов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 27 июли соли 2023.*

**_Дар асоси маълумоти хидматрасонии матбуоти Садорати фарҳанг ва сайёҳии вилояти Самарқанд пас аз шаҳри сайёҳӣ эълон шудани Самарқанд моҳҳои январ-июни соли ҷорӣ ба вилояти Самарқанд 22 миллиону 546 ҳазор сайёҳони маҳаллӣ ва 1 миллиону 106 ҳазор нафар хориҷиён омада, бо ёдгориҳои таърихӣ шинос шудаанд._**

## ХУШ ОМАДЕД, МЕҲМОНОН!

Бояд таъкид намуд, ки ҳар як меҳмони хориҷӣ барои як шабонарӯз аз 85 то 250 доллар маблағ сарф мекунад, ки бешубҳа, хазинаи даромад афзуда мешавад.

Ҳоло дар вилоят 570 меҳмонхона бо 15 ҳазору 606 кат ба сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ хидмат мерасонанд.

Баъди ба поён расидани таъмири маҷмӯаи Имом-ал-Бухорӣ шумораи сайёҳон аз кишварҳои исломӣ бештар хоҳад шуд. Алҳол дар ноҳияҳои Пайариқ, Ургут, Самарқанд ва ғайра бунёди меҳмонхонаҳо дар авҷ аст.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# «ЯК ПИР МАСЪУЛИ ДАҲ ҶАВОН»

**_Озмуне, ки дар ноҳияи Шофиркон ба амал омад, чунин ном дошт._**

Дар озмун шӯрои ҷамоатии мактаби модаркалонҳо (бибиҷонҳо), собиқадорони фаъоли меҳнати ноҳия, ҷавонон иштирок карданд. Иштироккунандагон мувофиқи низом бинобар се шарт бо ҳам қувваозмоӣ намуданд. Доварон мувофиқи мусобиқа ғолиб ва ҷоизадоронро муайян карданд. Ҷойи аввал ба раиси гурӯҳи машваратии солхӯрдагони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Шодлик» Карима Қудратова, ҷойи дуюм ба раиси гурӯҳи маслиҳатии кӯҳансолони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ҷӯйнав» Рашид Сафаров ва ҷойи сеюм ба раиси гурӯҳи мушовирии пирони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Тинчлик» Иброҳим Қӯшшаев насиб кард.

Ғолибон бо мукофотҳои пулӣ ва ташаккурномаҳои шуъбаи ноҳиявии Бунёди «Нуронӣ» тақдир карда шуданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

## ХАБАРҲО

### ОМОДАГӢ БА САММИТ

**_Моҳи августи соли равон дар пойтахти Туркманистон ба амал омадани саммити президентҳои Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон ба нақша гирифта шудааст._**

Дар ҳамоиши роҳбарони ин давлатҳо муҳимтарин масъалаҳои марбут ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии минтақа мавриди муҳокима қарор хоҳад гирифт.

Ба наздикӣ байни вазирони корҳои хориҷии Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Туркманистон дар шакли видеоконфронс музокира сурат гирифт. Масъалаи омодагӣ ба саммити пешистодаи президентҳо муҳокима гашт. Вазирҳо лоиҳаи барномаи ҷамъомад, тартиби рӯз, ҳамчунин, лоиҳаи ҳуҷҷати ҷамъбастии онро дида баромаданд ва ба як қарор омаданд.

### ВУРУДИ ЭЛЕКТРОМОБИЛҲО МЕАФЗОЯД

**_Назар ба хабари хидмати матбуоти Агентии омор дар нимсолаи аввали соли 2023 ба Ӯзбекистон аз хориҷ 5403 дона электромобил ворид гардид._**

Арзиши умумии воридот 167 миллион доллари ИМА-ро ташкил менамояд. Ин нишондиҳанда назар ба ҳамин давраи соли гузашта 4,85 назар ба ҷамъи соли 2022-юм бошад, 2,5 баробар зиёдтар аст. Танҳо моҳи июн 1587 электромобил харид гардид, ки назар ба моҳи май қариб 25 фоиз зиёд мебошад.

Электромобилҳо аз 6 давлат ва танҳо аз Чин 4956 адад оварда шуданд.

### ОЗМУН ДАР АКАДЕМИЯИ НАЗДИ ВАЗОРАТИ ФАВҚУЛОДА

**_Дар Академияи Вазорати фавқулода бо иштироки ҷамоаҳое, ки аз хидматгузорони сохторҳои ҳарбӣ ташкил ёфтаанд, озмун-азназаргузаронии «Беҳтарин донандаи таърих» ва «Беҳтарин иҷрогари сурудҳои ҳарбӣ» рӯйи кор омад._**

Чорабинӣ, ки асосан бо мақсади дар рӯҳи эҳтиром ба арзишҳои маънавию фарҳангӣ тарбия кардани насли ҷавон, васеъ кардани доираи ҷаҳонбинӣ ва тафаккури хидматгузорони ҳарбӣ, боз ҳам баланд бардоштани дараҷаи салоҳияти онҳо нигаронида шуда буд, шавқбахш сурат гирифт. Иштирокдорон баробари ҷавоб гардондан ба саволҳои тест сураттҳои таърихиро шарҳ, дониши оид ба таърих доштаи худро намоиш доданд. Сурудҳое, ки аз ҷониби хидматчиёни ҷавони ҳарбӣ дар васфи Ватан иҷро шуданд, низ хотирмон буданд. Ғолибон бо ифтихорнома ва туҳфаҳои хотиравӣ тақдир карда шуданд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**



*Дар шаҳрчаи «Янги Намангон»-и ноҳияи Давлатободи вилояти Наманган корҳои сохтмонии роҳи автомобилгард бо суръат бурда мешавад.*

*Алҳол аз ҷониби сарпудратчии ин объект – корхонаҳои унитарии «Тӯрақӯрғон туман йўллардан фойдаланиш» ва «Минтақавий йўлларга буюртмачи хизмати» корҳои хобондани бетонҳо ба охир расида, ба асфалткунии роҳҳо оғоз намудаанд.*

***Дар сурат:** лавҳа аз ҷараёни асфалтпӯшонии роҳ.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ӮзА).***

# МУАММОҲО ҲАЛЛУ ФАСЛ МЕЁБАНД

– Сареву савдое, – гуфтаанд. Ҳар касро дар алоқамандӣ ба ҷаҳонбинӣ ва эҳсоси пешрафту рушди ҷомеа андешаест ба сар. Аз дидгоҳи худ муносибат дорад ба вусъати ҷомеа. Баъзан гуфтаҳое ба гӯш мерасанд, ки гӯё аз вохӯриҳои сайёр бо роҳбарони секторҳо манфиате нест. Борҳо аз забони баъзе мӯйсафедон ва ҳатто ҷавонон шунидаам: – Аз маҷлисбозӣ чӣ нафъ. Ваъдаро калон медиҳанд, дар амал чизе нест. Ин гуна ашхос одатан манфиати шахсиро аз манфиати ҷомеа афзал пиндоранд. Дарк надоранд, имрӯз зиндагии мардуми деҳот ба куллӣ тағйир ёфтааст, ба хусус деҳоти сернуфус. Шароит ва имконоти зисту зиндагии мардум аз имконоти аҳолии шаҳр кам андар кам тафовут дорад. Ҳар як вохӯрии сайёр бо роҳбарони сектор ва муассисаву ташкилотҳо дар ҳаёти умумии маҳал таъсири амиқ мегузорад. Кулли деҳоти кишвари мо бо ҷараёни барқ, газ, телевизион ва алоқаи мобилӣ таъмин гардидааст. Хонаву ҳавлиҳо бо талаботи замон мос бунёд ва таъмир мегарданд. Ҳаёт, ки идома дорад, талабу дархост ҳам афзун мегардад. Роҳу равиши зиндагӣ чунин аст. Имрӯз мардуми деҳоти маҳаллаи «Каттасой» аз имконоти ягон маҳаллаи дигар камӣ надоранд, ҷуз муаммои оби ошомиданӣ. Кофтани чоҳҳои артезианӣ дар назар аст, мувофиқи ваъдаи ҳокими вилоят Нормат Турсунов.

Шиносоии роҳбар бо имконот, вазъи зиндагӣ, шунидани талабу дархостҳои мардум ҳалли мушкилот ва ё муаммои мавҷударо осон мегардонад. Чанде пеш дар бораи ташриф ва ошно гардидани ҳокими вилояти Навоӣ Нормат Турсунов ба маҳалли «Каттасой» хабар дода будем. Аз вохӯрии сарвари аввали вилоят бо шаҳрвандони маҳалла як рӯз нагузашта, масъулони муассисаҳои мухталиф фаъолияти амалии худро оғоз намуданд.

Беш аз бист сол гузашт, ки роҳи деҳаи Симбулоқ (Симчашма) мумфарш набуд. Пешниҳоду дархости мардум рӯйи коғаз мемонд, ваъдаҳои болохонадор фаромӯш мегардиданд. Ба ин пасандозии кор баъзе шаҳрвандони деҳа сабабгор буданд. Чанд сол муқаддам баъзе қисмҳои эҳтиётӣ ва сӯзишвории техникаи кормандони шуъбаи роҳсозии ноҳияи Нураторо рабудаанд. Ин баҳона кормандони соҳа техникаи кории худро ба мавзеи дигар кӯчониданд...

Дар вохӯрии сайёр ин нукта ба ҳокими вилоят расонида шуд. Ҳоким ҳалли муамморо ба сарвари шуъбаи роҳсозии ноҳияи Нурато супорид. Таъкид намуд, ки муаммо то 12 августи соли равон бартараф гардонида, ба ман ҳисобот медиҳед. Инак дар давоми як ҳафта роҳи бештар аз як километрро хеле хушсифат, васеъ ва равон мумфарш гардониданд.

Ҳангоми мулоқот бо ҳокими вилоят масъалаи сифати таъмини барқ дар деҳоти номбурда мавриди баррасӣ қарор ёфта буд. Рӯзе пас аз мулоқот дастбакорони шӯъбаи таъминоти барқи ноҳия дар деҳаи Соб хатҳои нақли ҷараёни барқро ба танзим даровarda, нақли ҷараёни барқро аз трансформатори дуюм роҳандозӣ намуданд. Ва фаъолияти худро аз ба танзимдарории хати ҷараёни барқи Симбулоқ идома доданд. Ба ҳамин тариқ ба танзим даровардани хатҳои нақли ҷараёни барқи Сойкалон (Эҷ) ва Сойхурд дар нақша аст.

Вохӯриҳои сайёр бо роҳбарони секторҳо, хосатан бо роҳбари аввали вилоят аз манфиат холӣ нест. Он муаммоҳое, ки солҳои сол ҳаллу фасли худро наёфта буданд, дар давоми як ҳафта ба манфиати мардум ҳалли худро ёфт. Корҳои созандагию бунёдкорона сарбаландона идома доранд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

*Ҷашнвораи дӯстӣ*

# ДӮСТИИ АДАБӢ — ДӮСТИИ АБАДӢ

**_Дар доираи чорабинии ҷашнвораи дӯстӣ таҳти ҳамин унвон дар маҷлисгоҳи Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон намоиши асарҳои шоиру нависандагони халқҳои бародар баргузор гардид._**

Дар он намояндагон аз марказҳои миллию фарҳангии рус, қазоқ, қирғиз, тоҷик, туркман, уйғур, озар, турк, қирғиз ва қароқалпоқ иштирок намуданд. Чорабиниро бо суханони муқаддимавӣ ҷонишини раиси Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон Ғайрат Маҷид ифтитоҳ бахшид ва гуфт равобити адабӣ байни халқҳои гуногунмиллати мамлакат дар навбати худ ба мустаҳкамшавии риштаҳои меҳру оқибат ва дӯстие, ки ба абадият дахлдор аст, мусоидат менамояд. Ҷонишини раиси Кумитаи муносибатҳои байналхалқӣ ва робитаҳои дӯстона бо мамлакатҳои хориҷӣ Азамат Тошев ҳозиронро ба муносибати иди дӯстии халқҳо, ки фаро мерасад, ҳамчунин бинобар дидорбинии гарми адибони гуногунмиллат дар Иттиҳоди нависандагон муборакбод намуд. Ӯ оид ба корҳои шоёне, ки баҳри боз ҳам ривоҷ додану мазмуннок гардидани фаъолияти марказҳои миллию фарҳангӣ дар Кумита ба амал бароварда мешаванд, маълумот дод. Депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, фаъоли шӯрои адабиёти қазоқ дар ҳузури Иттиҳоди нависандагон Ақчагул Тӯлегенова таъкид сохт, ки шоиру нависандагони мо, ба кадом забоне эҷод накунанд, қабл аз ҳама модар-ватани умумиашон – Ӯзбекистонро мадҳ мекунанд, халқҳоро ба ваҳдат ва якдилӣ дар роҳи расидан ба мақсади олии ягона даъват менамоянд. Сармуҳаррири маҷаллаи «Жаҳон адабиёти» Аҳмадҷон Мелибоев, Шоири мардумии Қароқалпоқистон Рустам Мусурмон, адибон Николай Илин, Лола Юнусова, Андрей Павлюк ва дигарон бо баромад ва шеърхонӣ бо забонҳои гуногун хотири иштирокдоронро болида доштанд.

**Ш. МУҲАММАД,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*30 июл – Рӯзи дӯстии халқҳо*

# САДОҚАТ БА ОИНИ ДӮСТӢ

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*
***(Шайх Саъдии Шерозӣ).***

Боиси ифтихор ва хушнудии ҳамаи мо – шаҳрвандони кишвар аст, ки соли 1991 Ӯзбекистон баробари дигар ҷамоҳири Иттиҳоди шӯравӣ аз аввалинҳо шуда истиқлоли давлатӣ ба даст овард. Соли ҷорӣ халқи сермиллати ҷумҳурӣ 32-юмин солгарди истиқлолро бо комёбиҳои назаррас ҷашн хоҳад гирифт. Яке аз бузургтарини онҳо, бешубҳа, садоқат ба оини дӯстӣ хоҳад буд. Чанде пеш мо нутқи Президенти дафъатан интихобгардидаи Ӯзбекистон, муҳтарам Шавкат Мирзиёевро дар маросими татанавии шурӯъ ба вазифа дар ҷамъомади муштараки палатаҳои Олий Маҷлис тавассути онлайн дидем ва шунидем. Ба ман, ҳамчун раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикони вилояти Самарқанд суханони зерин хеле писанд омаданд: «Тавре ки дар Конститутсия омадааст, мо Ӯзбекистонро ба давлати иҷтимоие табдил медиҳем, ки дар он ҳар як шаҳрванд новобаста аз миллат, забон ва эътиқод, озодона дар фазои сулҳу фароҳ зиндагӣ мекунад. Аз он ҷумла, мо вазифаҳои гузошташударо бобати рушди таълим ва тарбия, тандурустӣ, илм, маданият ва санъат, варзиш, сохтмони манзил, таъмини боэътимоди аҳолӣ бо оби ошомиданӣ ва неруи электр, беҳсозии инфрасохтори иҷтимоӣ иҷро мекунем».

Таъкид кардан ҷоиз аст, ки бо сиёсати хирадмандонаи Президент риштаҳои дӯстӣ ва занҷири анъанаҳои мероси аҷдоди бузургамон бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя мустаҳкаму қавӣ мегарданд:

*Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,*
*Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.*

Воқеан, дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек таърихи дуру дароз дорад. Агар эҷоди нотакрори Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ, Садриддин Айнӣ ва Абдулло Қодирӣ, Мирзо Турсунзода ва Ғафур Ғулом, Абдулло Орифов ва Лоиқ Шералӣ барин бузургонро пеши назар оварем, дарк хоҳем кард, ки ҳамдилии ду халқе, ки гӯё ду тори як рубоб аст, аҳамияти бузург дорад.

Муносибати ду халқи аз азал дӯсту бародар, ҳамдилу ҳамнафасро дида сатрҳои машҳури Боқӣ Раҳимзода, ки домоди самарқандиён буданд, ба ёд меоянд:

*Фарқи ҳама мардумони дигар осон,*
*Аммо шуда мо ба ҳам чунон ҳам наздик.*
*Бинанда чунон суол орад ба миён:*
*– Эй ҷӯра, бигӯ, ту ӯзбекӣ ё тоҷик?!*

Ҳамагӣ чанд сол пеш дар Самарқанд муҷассамаи шоирони бемисл Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ ба тарзи тантанавӣ гузошта шуда, дар он тадбири бошукӯҳ президентон Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзида буданд. Сипас сарони давлат ба чандин шартнома имзо гузоштанд, ки бинобар онҳо ҳамкориҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, сайёҳӣ бештару беҳтар шуданд.

Шахсан худи ман якчанд маротиба ба Тоҷикистони бародарӣ сафар кардам.

Ҳоло рафтуои мардуми ду кишвари ҳамҷавор бидуни раводид амалӣ мешавад. Ин аст, ки аз тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон фавҷ-фавҷ сайёҳон ба Самарқанд меоянд, то ёдгориҳои меъмории онро тамошо кунанд, дар базму маърака ва тадбирҳои гуногун ширкат варзанд.

Хуллас, сиёсати кунунии Ӯзбекистон ин садоқат ба оини дӯстии халқҳо, ҳамҷиҳатии миллӣ, таъмини ҳаёти орому осуда, фароҳдилӣ ва бародарию баробарӣ аст.

**Акбар МАҲМУДОВ,**
**раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикон ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд.**



## ЭЪТИРОФИ ВАРЗИШГАРИ САМАРҚАНДӢ

Чанде пеш дар пойтахти кишвари мо чемпионати Осиё аз рӯи атлетикаи сабук ба анҷом расид. Дар мусобиқаи бонуфуз аъзои дастаи мунтахаби Ӯзбекистон Шарифа Давронова аз рӯйи ҷаҳиши сечан ҳамчун «Беҳтарин атлетикачии ҷавони сол» эътироф гардид. Вай дар Туркия дар бозиҳои муттаҳидаи ислом низ пирӯз шуда, медали тилло ва роҳхатро ба олимпиадаи навбатӣ дар Фаронса ба даст оварда буд.

– Мақсади ман дар Париж ғолиб шудан аст, – мегӯяд Шарифабону.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

*Ҷашнвораи дӯстӣ*

# ҲАР ЧӢ АЗ ДӮСТ МЕРАСАД, НЕКӮСТ

***Дар Ӯзбекистон ҳамоҳангӣ ва ҳамҷиҳатии миллат ва халқиятҳо, дар рӯҳи кушодадилӣ, ватандӯстӣ, ҳурмат ба арзишҳои миллӣ тарбия намудани насли наврас яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати давлат ба шумор меравад.***

Бино ба қарори Сарассамблеяи СММ 30 июл дар тамоми ҷаҳон ҳамчун Рӯзи байналхалқии дӯстӣ ҷашн гирифта мешавад. Бо ташаббуси роҳбари давлат Шавкат Мирзиёев ин рӯз дар Ӯзбекистон низ ҳамчун Рӯзи дӯстии халқҳо қайд мегардад.

Ба ҳамин муносибат Президентамон ба ҳамватанонамон табрики идонаи худро ирсол намуд ва халқи сермиллати ҷумҳурӣ табрикотро бо хурсандӣ қабул намуд.

Дар Кумитаи оид ба муносибатҳои байнимиллӣ ва алоқаҳои дӯстона бо мамлакатҳои хориҷӣ бахшида ба Рӯзи ҷаҳонии дӯстӣ нишасти матбуотӣ баргузор шуд. Дар он роҳбарият ва ходимони кумита, фаъолони марказҳои миллӣ-фарҳангӣ, меҳмонон ва намояндагони ВАО иштирок намуданд.

Раиси кумита Рустамбек Қурбонов тамоми ҳамватанонро бо ҷашн табрик намуда, таъкид кард, ки мо бояд дӯстона, ҳамҷиҳат ба рушду равнақи Ӯзбекистон ҳиссаи беандозаи худро гузорем. Мақсади асосии ҷашнвора низ аз кушодадилӣ, ҳамоҳангии миллатҳоро мустаҳкам намудан, бо давлатҳои хориҷӣ ва ҳамсоя муҳити боварибахш, ҳамкории муфидро ба роҳ мондан, пос доштани фарҳанг, забон, урфу одат ва арзишҳои миллии халқияту миллатҳое, ки дар Ӯзбекистон истиқомат мекунанд, иборат аст.

Таъкид намудан ҷоиз аст, ки дар чаҳорчӯбаи ҷашнвора аз 27 то 30 июл дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, маънавию маърифатӣ ва дигар гирдиҳамоиҳои дӯстӣ баргузор мегарданд.

Аз ҷумла, рӯзи якум маросими гулгузорӣ дар пояи монументи истиқлолият дар боғи «Ӯзбекистони Нав»-и пойтахт барпо гардид, намоиши асарҳои санъати тасвирии байналхалқии «Палитраи дӯстӣ» дар намоишгоҳи марказии Академияи бадеӣ, намоишгоҳи асарҳои шоирон ва нависандагони халқҳои бародар бо номи «Дӯстии адабӣ – дӯстии абадӣ» (дар Хиёбони адибон) ташкил карда шуд.

Рӯзи дуюм таҳти номи «Мавқеи дипломатияи халқӣ дар мустаҳкам намудани дӯстии халқҳо» анҷумани байналхалқӣ баргузор шуд.

— Албатта, кишваре, ки дар он мардумаш ҳамфикр, ҳаммаслак, ҳамҷиҳат ва дӯстона ҳаёт ба сар мебарад, рӯ ба тараққӣ мениҳад, гул-гул мешукуфад. Биноҳои серошёнаи замонавӣ, хиёбонҳои гулгашт, кӯчаҳои равон, фавворaҳо, мардуми чеҳракушоду меҳмондӯсти Ӯзбекистонро дида, ба дӯстиву бародарии халқҳо чашм нарасад мегӯем, – мегӯяд раиси Ҷамъияти дӯстии «Тоҷикистон–Ӯзбекистон» Мубинҷон Қаюмов.

Рӯзи сеюм, бошад, тақдиронидани марказҳои миллӣ-фарҳангӣ, ҷамъиятҳои дӯстӣ ва ҳамкорони хориҷӣ бо мукофотҳои давлатӣ ва нишони сарисинагии «Дӯстии халқҳо» ба амал омад. Дар чаҳорчӯби анҷумани дӯстӣ маросими тақдиронидани ғолибони озмуни видеороликҳои «Дӯстӣ», сайри идона дар боғи «Парки марказӣ»-и ноҳияи Мирзо Улуғбек ва барномаи консертӣ низ ба амал омад.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

# ҚАДРУ МАНЗАЛАТИ ЗАН БЕШ АЗ ПЕШ БАЛАНД МЕГАРДАД



***Бо котиби матбуоти Кумитаи оила ва занони назди Вазорати коҳиши камбизоатӣ ва шуғл, доктори илмҳои филологӣ, профессор Саодат Бойназарова дар бораи баробарии гендерӣ, ҳуқуқи занон, табодули таҷрибаи Ӯзбекистон дар доираи байналмилалӣ ва мавқеи занону духтарони Ӯзбекистони Нав суҳбат намудем.***

**– Мехостам суҳбатро аз роҳандозии Форуми байналмилалии занон шурӯъ кунем, ки ба наздикӣ дар доираи Ҳафтаи ташаббусҳои байналмилалии шарикӣ дар шаҳри Тошканд баргузор гардид.**

– Ҳадаф ва вазифаҳои форум аз омӯхтани дастовард ва ташаббусҳо дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳо, шиносоӣ ва истифодаи васеи таҷриба дар самти дастгирии зан, таҳияи пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани фаъолияти зан дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ, муайян намудани самтҳои дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои гуногуни сиёсати гендерӣ, рушди таҳсилоти занон, имкониятҳои иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, таҳкими институти оила дар Ӯзбекистон, таъмини ҳуқуқи зан ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии иштирокчиёни конфронс аз корҳои мунтазаме, ки ҷиҳати таъмини манфиатҳои онҳо амалӣ мегардад, иборат буд.

**– Дар бораи иштирокчиёни ин анҷуман ва муҳтавои он низ маълумот медодед.**

– Дар ин ҳамоиш зиёда аз 25 нафар шахсони воломақом, инчунин намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ки дар Ӯзбекистон фаъолият мекунанд, 150 нафар занони роҳбару фаъоли ҷамъиятӣ ширкат доштанд. Коршиносони байналмилалӣ ва дохилӣ оид ба ҳуқуқи зан, манфиат ва таъмини баробарии гендерӣ, нақши занон дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва иштирок дар қабули қарорҳо, инчунин навоварӣ ва тавсеаи имкониятҳои онҳо дар соҳаи маорифро ба таври васеъ баррасӣ карданд. Илова бар ин, дар анҷуман масъалаҳои омӯзиш ва ҳалли мушкилоти иҷтимоии оила, дастгирии ҳуқуқу имкониятҳои иқтисодии зан ва соҳибкорӣ баррасӣ гардиданд.

**– Ҳувайдост, ки дар бораи қадршиносии занони мамлакатамон аз тарафи Раисҷумҳур ва ҳукумат фикру назарҳои зиёд радду бадал гардиданд.**

– Бале, дар анҷуман мавзӯи асосии баҳсу баррасӣ «Ӯзбекистони Нав – кишваре, ки зан қадрдонӣ мешавад» қарор гирифт. Зеро дар кишвари мо нақши занону духтарон дар ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сол аз сол тавсеа мeёбад ва мавқеашон мустаҳкам мегардад.

**– Дар даврае ба сар мебарем, ки брендҳои Ӯзбекистон дар намоишгоҳҳои гуногуни ҷаҳонӣ ширкат мекунанд ва дар ин самт зан низ нақши муассир дорад.**

– Дарҳақиқат, дуруст қайд намудед. Ин масъала аз тарафи коршиносони маҳалливу хориҷӣ дар доираи васеъ мавриди муҳокима қарор гирифт. Намоиши брендҳо ин равандро боз ҳам такмилу тақвият бахшид. Дар баробари ин, дар бизнес-форум роҳбарони Федератсияи байналмилалии истеҳсолӣ ва тиҷоратии марбути зан, мушовирони брендҳои заргарӣ ва мӯд, онҳое, ки дар тиҷорат ба муваффақиятҳои калон ноил шудаанд, дар хусуси таҷрибаи худ ҳарф заданд. Илова бар ин, вохӯриҳои соҳибкорони байналмилалӣ ва маҳаллӣ дар формати B2B низ хеле шавқовару пурмаҳсул гузашт. Дар он татбиқи як қатор лоиҳаҳои муштарак муҳокима шуд.

Президент самтҳои дурнамои ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои гуногуни сиёсати гендериро муайян карда додааст ва корҳо тибқи он пеш мераванд.

**– Дар ин росто боз чиҳоро метавон илова намуд?**

– Барои баланд бардоштани обрӯйи занон ва тақвияти нақши онҳо дар ҳаёти ҷомеа мазмун ва мундариҷаи чанд ҳуҷҷат такмил ёфт, аз тарафи Президент 14 фармон ва қарор, аз тарафи ҳукумат 25 қарор содир гардид, ду қонун қабул карда шуд.

**– Дар бораи қадршиносии занон ва мақому манзалати вай дар мамлакат чанд сухан мегуфтед.**

– Барои хидматҳои шоёнашон дар назди Ватан ва халқи мо 17 нафар занон бо мукофоти олӣ – унвони «Қаҳрамони Ӯзбекистон» сарфароз гардидаанд. 12 нафар олимон, ки мактабҳои нави илмӣ ба вуҷуд овардаанд, унвони илмии «Академик» гирифтаанд. Танҳо дар се соли охир 463 нафар занон унвони доктори илм (DSc), 2 ҳазору 816 нафар унвони доктори фалсафа (PhD)-ро соҳиб гардидаанд. Бо нишони сарисинагии «Зани мӯътабар» 1 ҳазору 451 нафар занон мукофотонида шуданд. Дар асоси тавсияи Кумитаи оила ва занон наздики 5 ҳазор нафар занон ба мактабҳои олӣ ба таври имтиёзнок қабул карда шуданд.

**– Дар мавриди муайян намудани теъдоди занону духтароне, ки ба чунин имтиёзҳо ниёзманданд, то чӣ андоза ҷорӣ гардидани системаи «Дафтари занон» мусоидат намуд?**

– Ин мавзӯи асосӣ дар чанд соли охир барои мамлакати мо маҳсуб мeёбад. Ҷорӣ гардидани чунин система ҳаллу фасли муаммоҳои зиёди занону духтарони маҳаллиро осон гардонид. Аз ҷумла, ба 2 миллиону 404 ҳазору 106 нафар занони звеноҳои 1-2-3-юм ёрии амалӣ расонда шуд. Ба ин корҳо зиёда аз 3,2 триллион сӯм ҷудо карда шуд. Имрӯз дар марҳилаи 4-ум аз 1 миллиону 680 ҳазор нафар занони ниёзманд ба 719 ҳазору 697 нафар (71,9 фоиз) кумаки амалӣ расонида шуд. Дар зарфи 5,5 соли охир 26,3 ҳазор оилае, ки саробони худро аз даст додаанд ва ё занони эҳтиёҷманд ҳастанд, бо манзил таъмин карда шуданд. Ба 17 ҳазору 461 нафар ҷубронпулии иҷора дода шуд, 12 ҳазору 861 хонаи шаҳрвандон таъмир гардид. Гузашта аз ин, ағлаби 3,5 ҳазор зане, ки ба амалиёти мураккаби ҷарроҳӣ ниёз доранд, 57,9 миллиард доллар пардохт хоҳад шуд. Барои солим гардондани бештар аз 33 ҳазор нафар занону кӯдакони маъюб 32,6 миллиард сӯм ихтисос дода шуд. Боз дигаргуниҳо дар ин самтро метавон қаламдод намуд, ки маҳз ба шарофати татбиқ намудани ғояи консептуалии «Оилаи обод — асоси рушди ҷомеа» ва такмили институти оила амалӣ карда мешаванд. Дар мамлакатамон 15 май – Рӯзи байналмилалии оила ба таври васеъ таҷлил мегардад. Дар сатҳи ҷумҳурӣ озмуни «Оилаи намунавии Ӯзбекистони Нав» роҳандозӣ шудааст.

Суҳбаторо
**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

*Футбол*

## Ғолибони марҳилаи вилоятӣ

**Дар Бухоро марҳилаи вилоятии мусобиқаи футбол барои ҷоми раиси ХБД ба охир расид.**

Мусобиқаи ҳалкунандаи байни ҷавонони 16-30-сола бо мақсади рушди ин намуди спорт дар маҷмӯи варзишии «Бухоро» баргузор гардид. Дар қувваозмоии финалӣ футболбозони ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Қароқалпоқ»-и ноҳияи Пешкӯ бо ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Ҷангарон»-и ноҳияи Вобканд вохӯрданд.

Мусобиқа тезутунд гузашт ва дар вақти асосӣ (1:1) ғолиб муайян нагардид. Танҳо силсилаи тӯбзаниҳо ба дарвоза аз хатти 11 метр тақдири қувваозмоиро ҳал кард: «Қароқалпоқ» бо ҳисоби 6:5 ба ғолиби мусобиқа табдил ёфта, роҳхати марҳилаи ҷумҳуриявиро ба даст даровард.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

***

**Дар баҳси финалии давраи вилоятии ин мусобиқа доир ба мини-футбол, ки дар варзишгоҳи шаҳри Нурафшони вилояти Тошканд баргузор шуд, намояндагони ду ноҳияи вилоят, дастаи «Янги-ҳаёт»-и ноҳияи Бӯка ва дастаи «Қарахитой»-и ноҳияи Юқоричирчиқ барои ба даст овардани пирӯзӣ ва роҳхат ба даври ҷумҳуриявӣ талош варзиданд.**

Бозӣ бо ҳисоби якранг (1:1) ба охир расид. Дар задани пеналтӣ бӯкагиҳо маҳорати худро нишон дода, бо ҳисоби 6:5 ғалабаро ба даст оварданд.

Дар талоши доир ба футбол бошад, дастаи ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Навбаҳор»-и ноҳияи Юқоричирчиқ дар сабқати финалӣ бо ҷамоаи «Ӯзбекистон»-и ноҳияи Оҳангарон рӯ ба рӯ шуд. Вақти асосии бозӣ бо ҳисоби 2:2 ба анҷом расида, дар задани пеналтӣ дастаи «Навбаҳор» дастболо шуда, ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифт.

***

Ба наздикӣ дар шаҳри Олмалиқи вилояти Тошканд бо ташаббуси Мактаби варзишии «Металлург» байни наврасони соли таваллудашон 2012-2013 бахшида ба хотира ва ёдбуди ходими фахрии Клуби варзишии «Металлург» В.И.Калугина 18-умин мусобиқаи байналхалқӣ доир ба футболи бачагон баргузор шуд. Дар баҳсҳо наврасони «Зарафшон»-и ҶШМ «Навобод»-и ноҳияи Бӯка рақибони худро мағлуб намуда, пирӯзиро ба даст оварданд. Шогирдони сармураббии даста Сардор Сангинов дар финал бо «ФСО» АГМК рӯ ба рӯ шуда, ғолиби мусобиқа шуданд.

**М. ҚОДИРЗОДА.**
*Вилояти ТОШКАНД.*




*Дар Намангон бо ташаббуси шуъбаи вилоятии Иттиҳодияи эҷодии рассомони Академияи бадеии Ӯзбекистон таҳти шиори «Экология ва сулҳ – гарави рушди кишвар» намоишгоҳ ташкил дода шуд.*

*Дар намоишгоҳ, ки дар галереяи бадеии вилоят барпо гардид, намунаҳои корҳои эҷодии бахшида ба мавзӯъҳои осоиштагӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар кишварамон, экология ва ҳифзи муҳити атроф ба маъраз гузошта шуданд.*

*Тасвирҳои ифодагари ҳамҷиҳативу якдилии халқҳои гуногуни кишварамон ба ҳукми ҷамоаи васеъ ҳавола гардид.*

***Дар акс:** лавҳае аз намоишгоҳ.*
***Аксбардор: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ (ЎзА).***

# ШАҲРАКИ ШИРИН – ДАР ШАҲРИ ҚАДИМ

***Чуноне ки рӯзномаи мо иттилоъ дода буд, 6-уми июни соли равон дар доираи ташрифи хеш ба шаҳри Самарқанд сарвари давлатамон мӯҳтарам Шавкат Мирзиёев бо лоиҳаҳои тақдимоти нақшаи мавзеи шаҳраки навбунёди Ширин дар соҳили дарёи Зарафшон шинос шуда буд, ба қарори дахлдор имзо гузошт.***

Бино ба он шаҳраки мазкур дар тӯли ҳафт сол зина ба зина қад хоҳад афрохт, ки барои бунёди он 150 миллиард сӯм ирсол мешавад.

Ҳудуди шаҳрак аз ҳисоби ноҳияҳои Ҷомбой, Самарқанд ва Оқдарё 665 гектар майдонро ташкил медиҳад.

Мақсади асосӣ – боз ҳам беҳтар намудани қиёфаи шаҳри Самарқанд, салоҳиятҳои сайёҳии онро зиёд кардан аст.

Аллакай ба тартиб овардани минтақаи сохтмон оғоз ёфт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

***Вазорати адлия бо ҳамкории Иттиҳоди эҷодии журналистони ҷумҳурӣ таҳти мавзӯи «Конститутсияи нав ва қонунҳои мо – кафолати ҳуқуқи журналист» суҳбати «мизи мудаввар» баргузор намуд.***

# ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ЖУРНАЛИСТОН

Дар он ходимони вазорат, ҳуқуқшиносҳо ва вакилони воситаҳои ахбори оммавӣ ширкат варзиданд.

Иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттиҳоди эҷодии журналистон Холмурод Салимов таъкид кард, ки инъикоси масоили ҳуқуқӣ ниҳоят мураккаб ва масъулиятнок буда, дар Конститутсияи нави мо ҳимояи ҳуқуқии журналистон таъмин гардида, бо ин мақсад моддаҳои алоҳидаи 81-82 ворид карда шудааст. Аз ин рӯ, журналистонро водор месозад, ки дар роҳи ба оммаи васеъ расонидан ва фаҳмонидани вазифаҳои асосӣ масъулияти касбиро бештар эҳсос намоянд.

Масъули шуъбаи Вазорати адлия Дилмурод Раҷаббоев ва роҳбари хидмати матбуоти вазорат Севара Ӯринбоева низ дар ин мавзӯъ фикру мулоҳизаҳои худро баён карданд.

Яке аз иштирокдорон, журналист Сироҷиддин Рауфов таъкид намуд, ки омилҳое вуҷуд доранд, ки ба пеш бурдани фаъолияти журналистӣ монеъ мешаванд. Воридшавии журналистон ба корхонаҳои калони саноатӣ ба осонӣ муяссар намегардад. Онҳо бо маълумотҳои ногузир оид ба ин ё он соҳа пурра таъмин нестанд. Устувории қонун, адолати иҷтимоӣ, ки талаби рушди ҷамъияти ҳуқуқбунёду демократӣ мебошанд, ба таври бояду шояд инъикос намеёбанд. Модернизатсияи иқтисодиёт, ҷалби сармояи хориҷӣ, инкишофи туризм, имкониятҳои соҳибкорӣ васеъ равшан карда намешаванд. Дар ин замина мақолаҳои таҳлилӣ кам ба чашм мерасанд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**




## НАДОНИСТА ҲУКМ МАКУН

Сардухтур дохили беморхона шуд, то бемореро ҷарроҳӣ намояд. Пеш аз он ки дохили хонаи амалиёт шавад, падари бемор «чаро дер кардӣ, ҳаёти фарзанди ман дар хатар аст», гуфта дод зад.

Духтур гуфт: – Ором бош, фарзандатро ба Худо бисупор.

– Бефаҳм будаӣ, агар фарзандат дар ҳолати марг қарор дошта бошад, чӣ хел ором мешавӣ? – ҷавоб дод падар.

Духтур чизе нагуфта вориди хона шуд. Баъд аз соатҳои тӯлонӣ саросема аз хонаи амалиёт берун шуда, ба падари бемор гуфт: – Ҷарроҳӣ хуб анҷом ёфт, ҳоли писарат хуб аст ва маро маъзур дор, чун кори дигаре дорам.

Ҳангоме ки ҳамшираи шафқат баромад, падари бемор аз ӯ пурсид: – Ин табиби худхоҳу мағрур кист?

Ҳамшира гуфт: – Фарзандаш дар садама ҳалок шудааст. Бо вуҷуди ин, ҳангоме аз ҳолати фарзанди шумо огоҳ шуд, даъватро қабул кард. Ҳоло мешитобад то ба дафни фарзандаш ҳозир шавад...

Хирадманде фармудааст: «Дилҳое ҳастанд, ки дард мекашанд, аммо ба касе намегӯянд. Пас, надониста бар касе ҳукм макун».

## ВАТАН

Марде бемор шуд. Табибон аз табобати он оҷиз монданд. Ӯро марг таҳдид мекард. Фарзандон аз шифохона падарро ба хона оварданд, то боқимондаи умрашро дар он ҷо гузаронад. Падар гуфт: – Ман мефаҳмам, ки марг паси дар аст. Маро ба домани кӯҳ баред.

Фарзандон хоҳиши падарро иҷро карданд. Мард як-ду ҳафта он ҷо монд. Шабҳо дар хайма хоб мерафт, рӯзҳо болои гиёҳҳои кӯҳӣ ғел мезад. Ҳар гиёҳеро, ки ба чашмонаш мерасид, барг меканд, мечашид: талх, ширин, турш, бомазза, бемазза ...

Аз ҳавои форами кӯҳсор нафас мекашид, аз чашмасорон об менӯшид. Баъди муддате мард бе мадади фарзандон менишаст, мехест, роҳ мерафт.

Рӯзҳо гузаштанд. Мард тамоман шифо ёфт. Ба деҳа баргашт. Яке аз табибон мардро дида ҳайрон шуд. Мард гуфт: – Чанде пеш «илоҷи бемории туро наёфтам» гуфта аз беморхона ҷавоб дода будед.

Табиб пурсид: – Илоҷи бемориатонро чӣ тавр ёфтед?

– Осон, гиёҳҳо ва обу ҳавои табиати Ватан...

Таҳияи **Фариштаи ҒОИБНАЗАР.**

*АҶОИБОТИ ТАРҒИБОТ*

## «ДАР ПАСИ РУЛ – БОКСЁР!»

Автомобил ин боиси ҳашамату дабдабаи танҳо соҳибаш не, балки боз воситаи нақлу кашондани мусофирон ва бору маҳсулот аст. Солҳои охир он боз функсияи дигар – рекламаву таблиғ ва ахбори «гардон»-ро ҳам ба ҷо меорад. Бисёр корхонаву фирмаҳо барои автомобилҳо ҳар хел навиштаҷот мебароранд, то ки аз он мардум истифода бубаранд. Вале баъзе ронандаҳо бо мақсади изҳори ақидаи шахсии худ матнҳои табъи дилашонро менависанд ва ба ҳар ҷойи мошинашон мечаспонанд. Ин гуна навиштаҷот се соҳа: муносибати ронандаҳо ба роҳҳо, нигоҳи мардон ба занони паси рул ва автомобилпарастиро дар бар мегиранд.

Борҳо болои капоти пеши мошинҳои сабукрав чунин навиштаҷотро хондаем: «Занак, барои писар ташаккур!». Навиштаҷоти «Барои овардани духтарам (ё писарам) меравам» ҳам зуд-зуд ба назар мерасанд. Ҳатто дар истгоҳи калони Хӯҷакафшери ноҳияи Самарқанд назарам ба авотомобили «Спарк»-и сафеде афтод, ки дар шишаи қафои он бо ҳарфҳои калони сурх ронандаи шермардаш чунин навишта буд: «Дангала хӯрем!».

Ронандаҳо матнҳои дилхоҳи худро аксаран дар шишаи қафои мошин ҷой медиҳанд. Дар паси шишаи мошини боркаше хондам: «Ҷиян, ба куҷо мешитобӣ?» Ронандаи «Запорожетс»-и куҳнаву фарсудае ба паси шишаи мошинаи худ «Ба ҳар ҳол пиёда не» навиштааст.

Умуман, ин хел амал ё «эҷод»-кории ронандгонро натанҳо дар шаҳру вилоятҳои мамлакатамон, балки дар дигар ҷойҳо ҳам дидан мумкин аст. Аз баъзеи онҳо бӯйи лутфу шӯхии беғаразона меоянд. Ҳамчун дору асабоният ва стресси ноҳамвориҳои роҳу рафтори дағали баъзе ронандаҳои бадаъмолро бартараф ҳам месозад.

Инак, гулчини «эҷодиёт»-и ронандагон:

«Сабр»

***

«Дар паси рул боксёр!»

***

«Чӣ хел хоҳам, ҳамон хел меравам»

***

«Сигнал надиҳед: бе ҳамин ҳам воҳиманок»

***

«Андоз месупорем. Канӣ роҳ?»

***

«Аз паси ман наоед. Худи ман роҳгум задам»

***

«Суғурта кардӣ? Пеш гузар!»

***

«Шояд ман суст меравам, вале аз ту пеш!»

***

«Ту ҳам шаҳодатномаи ронандагиро харидаӣ?»

***

«Ин бақияи ҳамаи он чизест, ки пас аз талоқ мондааст»

***

«Зан дар паси рул: мусофирон дуо мехонанд, пиёдагардон калима мегардонанд»

***

«Бо мошинҳои хориҷӣ онҳое мегарданд, ки ба харидани «ВАЗ» зӯрашон намерасад!»

***

«Диққат! Дар паси рул – зан: Худо шуморо дар паноҳаш нигоҳ дорад!»

***

Таҳдиди шӯхиомез ба ронандаи мошини қафо, ки пеш гузаштан мехоҳад:

«Ҳатто фикр накун, ҳозир як тормоз диҳам...»

***

«Пеш гузашта натавонӣ, ҷаҳида гузар!»

***

Дар шишаи паси мошине бар замми расми туфлии пошнабаланди занона чунин сабт шудааст:

«Шаҳзодаро меҷӯям»

***

«Ман маст не, аз чуқуриҳои роҳ мегурезам»

***

Навиштаҷоти пахлӯи пойафзоли занона:

«Фаҳмед, бубахшед ва роҳ диҳед»

***

«Ҷафс нашав, мо дар ҷойгаҳ не!»

***

«Аз нозирони роҳ Худо нигоҳ дорад!»

**Бахтиёри ҶУМЪА.**

## ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

*Эй Ҳофизи Шерозӣ,*
*Ту кошифи ҳар розӣ.*



Ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯйӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Сӯзи дил» ниҳодем ва фолномаи Ҳофизро ҳамроҳ бо шарҳаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.

### СӮЗИ ДИЛ

Сина аз оташи дил дар ғами ҷонона бисӯхт,
Оташе буд дар ин хона, ки кошона бисӯхт.
Танам аз воситаи дурии дилбар бигудохт,
Ҷонам аз оташи меҳри рухи ҷонона бисӯхт.
Хирқаи зуҳди маро оби харобот бибурд,
Хонаи ақли маро оташи майхона бисӯхт.
Чун пиёла дилам аз тавба, ки кардам, бишикаст,
Ҳамчу лола ҷигарам бе маю хумхона бисӯхт.
Моҷаро кам куну боз о, ки маро мардуми чашм,
Хирқа аз сар бадар оварду ба шукрона бисӯхт.
Тарки афсона бигӯ, Ҳофизу май нӯш даме,
Ки нахуфтем шабу шамъ ба афсона бисӯхт.

Як ошиқи ҳақиқӣ дар роҳи висоли маҳбуба ҳама чизи худро аз даст медиҳад ва сахтиҳои бешумореро таҳаммул мекунад. Вале бурдборию шикебоии ӯ ва низ дилогоҳии вай метавонад омили муассире дар роҳёбӣ ба камоли вай бошад.

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

## ЛЕВИТАН ЯГОНА БУД

Мегӯянд Юрий Левитан (ӯро Лавин ё Лавитани низ мегуфтанд) дар Иттиҳоди Шӯравӣ наттоқе буд беназир. Вай бо садои ба худ хос қалбҳоро забт кард. Маҳз овоз ӯро ба дараҷаи «диктори афсонавӣ» расонд.

Аз Сталин пурсидаанд: «Ҷанг кай тамом мешавад?»

Гуфтааст: «Инро Левитан мегӯяд». Тахти ин гӯя зарофате ниҳон. Ва ҳақиқати ҳол низ – мардум бесаброна ба охир расидани ҷанги хонумонсӯзро интизорӣ мекашиданд. Ва мутантан «ҷанг тамом шуд!»– гӯён тавассути радио хабардиҳии Юрий Левитанро.

Аз хабари нохуш – саршавии ҷанги Гирмон, айни замон, аксарият мардуми ин сарзаминро Левитан хабардор сохта буд.

Владимир Висотский дар як сурудаш таъкид сохта: «Аз оғози ҷанг Молотов дар нутқи таърихиаш моро огоҳ сохта буд». Ин – асоснок. Воқеан комиссари корҳои хориҷии онвақта Вячеслав Молотов соати 12-и рӯзи 22 июни соли 1941 тавассути радио дар бораи ҳуҷуми ногаҳонии фашистони Олмон ба хоки шӯроҳо баромад карда буд. Баъдтар матни баромади ӯро Юрий Левитан такроран хонд: «Граждане и гражданки! Сегодня в четыре часа утра без всякого объявления войны...»

Ҷанг давом мекард. Ҳар як нуқта ба назар аз якдигар оташфишонтар. Муҳосираи Ленинград – яке аз фоҷиаҳои бузурги аср. Тоза карда шудани ҳар ваҷаб хок аз фашистон бошад – воқеаи хуш дар ҳаёти мардуми сулҳхоҳ. Мардум, гӯшу ҳуш ба радио, нигарон ба садои Левитан буданд, интизори боз як хушхабар аз забони ӯ – интизори паём аз «Совинформбюро». Вақте «Внимание, внимание!..»мегуфт, баданҳо ваҷаррос мезад.

Нақли афсонамонанде аз даҳон ба даҳон мегузашт: «Фюрер душманҳои зиёд доштааст, вале душмани рақами аввалаш Левитан будааст – барои сари ӯ фалон қадар тилло ваъда кардааст...»

Баъди наздик чаҳор сол идомаёбии задухӯрдҳои хунин аз Ғалабаи бузург низ, тавре Сталин таъкид сохта буд, тавассути радио ба омма Левитан маълум намуд. Нақл мекунанд, бо шунидани хушхабар аз даҳони Левитан ҳатто буридапойҳо «аз ҷо як қад парида хестанд!».

9 Майи соли 1945. Рӯзи воқеан таърихӣ дар ҳаёти мамлакат ва халқҳои ҷангдида, азияти ҷанги Гирмонкашида. Дилҳоро ба ларзиш овард оҳанги ҳар ҳарф, ҳар ҳиҷои марғуладори Левитан. Дар фонди тиллоии радио он садо ҳануз маҳфуз дошта мешавад. Насли имрӯз низ он баромади Левитани афсонавиро бо эҳсосе мешунавад.

«Овози оҳанини давлатӣ» мегуфтанд садои ӯро. Касе гумон намебурд фарзанди як оилаи одии яҳудӣ аз Владимир дар Маскав ин қадар шуҳрат меёбад, ба назари Сталин афтода ва баромадҳои ӯро тавассути радио хонда медиҳад.

Юрий Левитан ибтидои солҳои сиюм, аниқтараш дар 17-солагӣ аз Владимир ба Маскав омад, то дар кинотехникум хонад ва актёр шавад. Дохил шуда натавонист. Чашмаш ба як эълон афтод: «Радио барои наттоқӣ озмун эълон мекунад». Бахташ ин дафъа тофт. Ба барандагӣ қабул гашт. Баробари матнҳоро бехато хондан бо қироати ифоданок низ вай шунавандагонро ба худ кашид. Бегоҳ, ки шуд, хабарҳои муҳими рӯзро вай мерасонд.

Шабе овози ӯро Сталин шунид (январи соли 1934) ва мафтун гашт. Супориш дод баромадҳояшро дар радио маҳз «яҳудибача» хонад.

Бо супориши «доҳӣ» зимистони соли 1934 маърӯзаи ҳисоботии сарвари давлат дар съезди ҳафтдаҳуми ВКП(б) маҳз бо хониши Левитани он вақт ҷавон дар мавҷи ҳаво паҳн гашт.

12 апрели соли 1961, соати 10-у 02 дақиқа. Изҳороти ТАСС дар мавҷи ҳаво оиди аввалин қадами инсон ба коинот тавассути киштии кайҳонии «Восток» – парвози таърихии Юрий Гагарин. Хабарро Юрий Левитан хонд.

Вай матни баромадҳои Сталинро наздик 20 сол хонд. Ба нутқу маърузаҳои «доҳӣ» ҷозибаи дигар бахшид. 6 марти соли 1953 Сталин вафот кард. Баохиррасии биографияи ӯро низ маҳз Левитан эълон кард.

Халқи одӣ боз бо як сабаби дигар Левитанро дӯст медошт: ҳаёти баъдиҷангӣ андак рӯ ба беҳбудӣ ниҳод, ҳар сол нарх, хусусан озуқаворӣ, батадриҷ поён шуда мерафт. Арзоншавиҳоро бо оҳанги тантананок маҳз Левитан маълум менамуд ва ба меҳнаткашон рӯҳ мебахшид.

Аз байни наттоқон вай аввалин шахсе буд, ки ба гирифтани унвони ифтихории Артисти халқии СССР сазовор гашт.

Юрий Левитан 4 августи соли 1983 дар 69-солагӣ вафот кард. Ӯро ба тантанаҳо бинобар 40-солагии муҳорибаи Курск ба Белгород даъват карда буданд. Касе хаёл надошт дилбемор аст. Аз гармои тоқатфарсо дардаш хурӯҷ кард ва ғайриинтизор чашм аз ҷаҳон пӯшид. Ба Маскав оварда ва дар Новодевичево ба хок супурданд.

Дар ҳаёти оилавӣ хушбахт буд? Афсӯс...

Раиса ном духтарро дӯст дошт. Соли 1938 тӯйи арӯсиашон барпо гашт. Соли 1940 духтардор шуда ва ба вай Наталя ном ниҳоданд. Соли 1949 ба ҳаёти осудаи оилавиашон «чашм расид» – ҷудо шуданд. Ба ин як афсари академияи ҳарбӣ, ки Раисаро аз роҳ зад, сабаб гардид.

Вале Раиса бо «шавҳари нав» дерназист. Дарк кард аз вай сад бор шавҳари аввалааш хубтар. «Ман чӣ кор кардам?!»– худро маломат мекард бо як ҳисси ҷигарсӯз. Вале пушаймонӣ суд надошт. Раиса дар даст кӯдаки ширхор аз одами ҳарбӣ, ба сахтиву сарсониҳо дучор гашт.

Юрийи дар 35-солагӣ аз зан ҷудошуда то охири умр «бевамард» монд. Диктори номвар бо симои дилкаш низ эътибори хонумҳоро ба худ мекашид. Вале мисле сахт дилмонда шуда буд аз ҷинси зан. Дигар хонадор нагашт. Бо хола ва духтари ягонааш дар як квартира ҳаёт ба сар бурд. Дилшикаста...

Чӣ қадар мехост духтараш бабахт шавад. Аммо бахт ва осудагӣ аз Наталя низ рӯ тофта буд.

Соли 2006 риштаи ҳаёти ӯ ба таври фоҷиавӣ канда шуд. Қотил кӣ буд, аниқ нест. Ба писари худаш Борис, ки дучори касалии рӯҳӣ буд, гумонбар шуданд.

6 сол Борисро дар беморхонаи рӯҳӣ табобат карданд. Рухсат доданд мисле барои он ки марги худро дар ҷои дигар истиқбол намояд. 19 апрели соли 2013 ҷасади вай пайдо гашт.

Ба ҳамин низ шукр, ки Левитани афсонавӣ дар рӯзҳои мо куллан «бенишон» нест. Набераи ягонааш Артур Левитан (Судариков, таваллудаш с.1990) дизайнер ва барномасоз, дар айни замон барандаи телевизион аст ва бо кадом маънӣ ӯ касби бобоРо давом медиҳад.

Вале ба Юрий Левитан шудан, ҳатто ба Левитани нотакрор наздик шуда тавонистани наттоқи дигар бовар нест. Левитан ягона буд...

**Муҳаммадҷон ШОДӢ.**

### *Латифаҳо*

#### Вохӯрии ғайричашмдошт

Шоири масалнавис – Крилов дар соҳили Нева гаштугузор дошт. Император Николайи I ӯро аз дур дида, садо баланд кард:

– Аҷоиботро бубин, Иван Андреевич, бо ту дар соҳили Нева вохӯрда истодаем. Ба куҷо равонаӣ?

Вақте аз ӯ садо нашуд, баъди фурсате подшоҳ илова кард:

– Ин хуб нест, Крилов, мо хеле вақт шуд, ки бо ҳам вонахӯрдаем.

– Ман низ, аълоҳазрат, дар ин фикрам. Дар як маҳалла ба ҳам хеле наздик ба сар мебарему якдигарро намебинем.

#### Сад калима дар як дақиқа

Нависандаи франсуз Анатол Франс боре мошиннависеро ба кор гирифт ва аз ӯ суол кард:

– Ман шунидам, ки ту стенографисти хубӣ.

– Бале, саду сӣ калима дар як дақиқа...

– Саду сӣ калима дар як дақиқа? Азизакам, вале, ман аз куҷо меёбам ин миқдор калимаро?

#### Оштидиҳии классикон

Константин Федин ва Михаил Шолохов ихтилофи фикрӣ доштанд. Сталин, бо назардошти ин ҳолат, ҳарифонро ба Кремл даъват намуда, рӯ ба рӯ ба курсӣ шинонд:

– Мегӯянд, ки шумоён бо ҳам ҳамеша баҳс мекардаед. Хоҳиш мекунам, ки ба хотири рушди адабиёти шӯравӣ даст ба дасти ҳам дода, оштӣ шавед.

Нависандагон сукут варзиданд.

– Хоҳиш мекунам! – пофишорӣ кард Сталин.

Нависандагон истодагарӣ карданд.

– Сталин аз шумо хоҳиш мекунад, – гуфт қатеъона «доҳии халқҳо».

Адибон аз ҷо хеста, ба якдигар даст дароз карданд.

– Акнун якдигарро бӯсед! – гуфт Сталин.

Вақте ҳарифон ба бӯсидани рӯйи якдигар шурӯъ карданд, садои хандаи Сталин баланд шуд:

– Ман фикр карда будам, ки шумоён одамони устувор ақидаед.

Тарҷума ва таҳияи **К. АБДУЛЛОЕВ.**

## ПАНДИ ЗИНДАГӢ

Афлотунро гуфтанд:
– Чаро ҳаргиз ғамгин намешавӣ?
Гуфт:
– Дил бар он чӣ, ки намемонад, намебандам!
Фардо як роз аст, нигаронаш набош!
Дирӯз як хотира буд, ҳасраташро нахӯр!

Ва имрӯз як ҳадя аст, қадрашро бидон ва аз ҳар лаҳзаи умрат лаззат бибар!

Аз фишори зиндагӣ натарсед, ба ёд дошта бошед, ки фишори зиёд сангро ба алмос табдил мекунад...!

Ғами фардоятро нахӯр. Худои дирӯз ва имрӯз Худои фардо ҳам ҳаст!

Мо аввалин бор аст, ки бандагӣ мекунем, вале ӯ ҳамеша, ки Худоӣ мекунад.

Пас ба Худованд бовар кун ва фардову фардоҳоро ба ӯ бисупор!!!

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**



*Дар шимоли-шарқии Эрон деҳаи хурде дар наздикии шаҳри Оску ҷойгир шудааст, ки таърихи қариб 700 сола дорад. Дар ин ҷо хонаҳо, ё худ кулбаҳо бевосита дар адирҳои кӯҳӣ сохта шудаанд ва ё ҳатто гуфтан мумкин аст, ки тарошида шудаанд, ки дар онҳо ҳанӯз ҳам аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Чун дар инҷо роҳҳои мошингард вуҷуд надорад, мардум фақат харсавор равуо мекунанд.*

*Ҳар як манзил ин харсанг ва ё адири алоҳида мебошад, ки ба дастисохт будани онҳо, аз сабаби шакли аҷоибашон, бовар кардан мушкил аст.*

*Дар қадим ин ҷои хеле муносиби истеҳкоми ҳимоя буд, зеро қалъаи навро сохтан хеле гарон ва мушкил буд ва ҳатто мавод барои сохтмон вуҷуд надошт. Аз ин сабаб паноҳгоҳро дар қабати харсангҳо сохтаанд.*

*Ҳоло мардуми маҳаллӣ ҳама хоҳишмандонро лутфан ба манзили худ даъват мекунанд, ки онҳо асосан аз ҷумлаи сайёҳон иборат мебошанд. Дар ин ҷо ҳаққашро пардохта, чой хурда, ҳатто шаб хоб кардан ҳам мумкин аст.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компютерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4527 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.